*Бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «28» феврали соли 2022, №3/6 тасдиқ карда шудааст*

# НИЗОМНОМАИ
# ОЗМУНИ «МУРАББИИ СОЛИ ТОҶИКИСТОН»

## 1. Муқаррароти умумӣ

**1.** Низомномаи озмуни Мураббии соли Тоҷикистон (минбаъд - Низомнома) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи намунавии муассисаи таълимии томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

2. Низомномаи озмуни Мураббии соли Тоҷикистон (минбаъд - Низомнома) тартиб ва ҷараёни гузаронидани озмуни мураббии соли Тоҷикистонро ба танзим даровара, барои рушди фаъолияти эҷодӣ ва маҳорати касбӣ, таҷрибаи пешкадами мураббияҳои муассисаҳои таълимии томактабии ҷумҳурӣ мусоидат менамояд.

3. Ҳамасола се даври озмуни «Мураббии соли Тоҷикистон» дар минтақа ва вилоятҳо доир гардида, даври ниҳоии он моҳи ноябр дар шаҳри Душанбе баргузор мегардад.

4.Ташкилкунандагони озмуни «Мураббии соли Тоҷикистон» Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

## 2. Мақсади асосии озмун

Озмун бо мақсади зерин ташкил карда мешавад:

1. Баланд бардоштани мақоми таҳсилоти томактабӣ дар шароити имрӯза ва нишон додани афзалияти таҳсилоти томактабӣ дар пешрафти ҷомеа.

2. Таъмин ва такмили мазмуни таҳсилоти томактабӣ тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ, Низомномаи намунавии муассисаи таълимии томактабӣ ва барномаҳои таълиму тарбияи кӯдакони синни томактабӣ.

3. Дарёфт ва ошкор сохтани мураббиёни боистеъдод, навовар ва эҷодкор, ки барномаҳои таълиму тарбияи томактабӣ, инчунин таълими инклюзивиро амалӣ намуда, муҳити инкишофёбандаи таълимиро таъмин месозанд. Бо корҳои илмӣ-методӣ машғул буда, дар фаъолияти худ аз техника ва технологияи навин истифода мебаранд.

4. Такмили маҳорати касбӣ ва рушди ташаббуси эҷодии мураббиёни муассисаҳои таълимии томактабӣ.

5. Барои омӯзиши усулҳо ва воситаҳои инноватсионии таълим ва дастрасии онҳо дар муҳити таълимӣ.

6. Қадрдонии меҳнати пурсамари мураббӣ ва баланд бардоштани мақому манзалати ӯ дар ҷомеа.

7. Ба муҳиммияти таълиму тарбияи томактабӣ ҷалб намудани мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, воситаҳои ахбори омма.

### 3. Тартиби гузаронидани озмуни «Мураббии соли Тоҷикистон»

### Давраҳои Озмун ва тартиби гузаронидани онҳо

1. Озмун дар чор давр гузаронида мешавад:

- даври аввал – дар муассисаи таълимии томактабӣ (моҳҳои март - апрел);

- даври дуюм – шаҳрӣ, ноҳиявӣ (моҳи май дар шаҳру ноҳияҳо);

- даври сеюм-вилоятӣ, минтақавӣ (шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ) ва (шаҳрӣ) барои 4 ноҳияи шаҳри Душанбе. Даври вилоятӣ, минтақавӣ (ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ) ва ноҳияҳои шаҳри Душанбе дар аввали моҳи октябр гузаронида мешавад;

Даври минтақавиро барои шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ мегузаронанд.

-даври чорум (ҷумҳуриявӣ) – моҳи ноябр.

2. Ғолибони даври якум ба даври дуюм, ғолибони даври дуюм ба даври сеюм ва ғолибони даври сеюм ба даври чорум роҳхат мегиранд. Дар даври чорум (ҷумҳуриявӣ) аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон – 1 нафар, Суғд - 1 нафар, Хатлон - 1 нафар, шаҳри Душанбе -1нафар, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - 1 нафар ғолибони даври сеюм ширкат менамоянд.

3. Кӯдакистони президентӣ, кӯдакистони мактаби байналмилалии президентӣ, муассисаҳои таҳсилоти томактабии хусусӣ, марказҳои инкишофи кӯдакон вобаста ба мавқеи ҷойгиршавиашон дар даврҳои озмун тибқи муқаррароти умумӣ ширкат меварзанд.

4. Ҷойи баргузории озмун, интихобу тасдиқи ҳайати доварони даври якумро муассисаи таълимӣ, даври дуюмро шуъбаи маориф ва даври сеюми озмунро раёсати маорифи вилоят (барои шаҳри Душанбе раёсати маорифи шаҳр) муайян намуда, ҳар сол ҳайати он иваз карда мешавад.

5. Даври 3 ва ҳайати доваронро барои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф муайян менамояд.

6. Баргузории даври ҷумҳуриявӣ аз ҷониби Вазорати маориф ва илм муқаррар гардида, як моҳ пеш аз озмун бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва ба раёсати маорифи вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ фиристода мешавад.

## 4. Иштирокчиёни озмун

1. Дар Озмун мураббияҳои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ки собиқаи кории бо маълумоти олӣ на камтар аз 3 сол ва миёнаи махсуси педагогӣ на камтар аз 3 сол дошта бошанд, иштирок карда метавонанд.

2. Мудирони шуъбаҳои маориф ва роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ то оғози озмун дар бораи иштирокчии озмун ба таври пурра ба Кумитаи тадорукоти озмуни ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва вилоятӣ маълумот пешниҳод менамоянд.

3. Раёсати маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 15-20 рӯз пеш аз оғози озмуни вилоятӣ (минтақавӣ) ва ҷумҳуриявӣ ба Кумитаи тадорукоти ҷумҳуриявӣ ҳисобот ва доир ба иштироки номзад дархост пешниҳод менамоянд.

4. Дар сурати дар вақти муайяншуда пешниҳод нагардидани хисобот ва дархост  Кумитаи тадорукот метавонад довталабро барои иштирок дар озмун иҷозат надиҳад.

5. Ғолибони марҳилаи ниҳоии Озмун дар давоми 5 соли оянда дар Озмун иштирок намекунанд.

6. Барои иштирокчиёни озмун ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

- дархости муассисаи таълимӣ, шуъба ва раёсати маориф барои иштирокчии Озмун (замимаи1);
- маълумот  дар бораи иштирокчии Озмун (замимаи 2);
- дархост барои гузаронидани машғулияти таълимӣ (замимаи 3);
- 4 адад сурати 3 х 4-и иштирокчии Озмун (дар шакли ранга);

7.Ҳуҷҷатҳои ба Озмун фиристодашуда баргардонида намешаванд.

## 5. Шартҳои озмуни  ҷумҳуриявии  «Мураббии сол»

Шартҳои Озмун масъалаҳои зеринро дар бар мегиранд:

1.**Муаррифии  фаъолияти педагогӣ  (дар доираи 20 дақиқа).**

***Мақсад:*** Муаррифии эҷодии фаъолияти педагогӣ бо назардошти такя ба назарияҳои педагогӣ-психологӣ ва адабиёти методӣ асос ёфтааст. Довталаб муҳимтарин  метод ва ё усулҳои таълим, тарбия ва инкишофи

кӯдакони синни томактабиро дар фаъолияти худ, инчунин роҳҳо ва шаклҳои ҳамкории мутақобила бо волидони тарбиягирандагонро нишон медиҳад. Ба рӯнамоӣ истифодаи наворҳои видеоӣ низ метавонад ҳамроҳ карда шавад. Довталаб корҳои эҷодии худро дар шакли нақшаи корӣ, намунаи машғулияти кушод, маводди методӣ, мақолаи чопшуда дар ҳаҷми на кам аз 0,5 ҷузъи чопӣ дар маҷаллаҳои илмию методии соҳавӣ, воситаҳои аёнии ҷавобгӯи раванди муосири таълим ва ғайра пешниҳод менамояд.

***Меъёри баҳодиҳӣ***: нишон додани донишҳои назариявию амалии истифодаи методу усулҳои муосири таълиму тарбия дар фаъолияти касбӣ. Дастовард ва натиҷаи таҷрибаи касбӣ, маҳорати таҳлил ва паҳн кардани таҷрибаи пешқадами кор. Истифодаи технологияҳои нави педагогӣ ва воситаҳои техникӣ (компютер, тахтаи электронӣ ва ғ.). Истифодаи дуруст ва бамавриди истилоҳоти касбӣ, маҳорати суханварӣ ва санъаткорӣ.

**2.Дониш ва маҳорати касбии мураббия**

***Мақсад***: Ҷавоби амиқ ва дуруст додан ба саволҳо дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф, зинаи таҳсилоти томактабӣ ва барномаҳои таълимию тарбиявӣ.

***Меъёри баҳодиҳӣ***: Донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои таълимии синнусолӣ. Муҳокимаронии солиму оқилона, дониш ва маҳорати касбӣ.

**3.Мизи мудаввар (дар доираи 15 дақиқа).**

***Мақсад ва тартиб***: Гузаронидани мизи мудаввар тибқи мавзуи пешниҳодшуда бо иштирокчиёни озмун. Номгӯи мавзуъҳои дар мизи мудаввар муҳокимашаванда барои иштирокчиён оид ба самти таҳсилоти томактабӣ, аз мазмуни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳои таълимӣ аз ҷониби ҳакамони Озмун муайян гардида, тариқи қуръапартоӣ гузаронида мешавад. Аз ҷониби довталаб маҳорати ташаккул ва баҳсу мунозираи мавқеи касбӣ ва шахсӣ дошта оид ба масъалаҳои таҳсилоти томактабӣ ва афзалиятҳои фаъолияти касбӣ нишон дода мешавад.

***Меъёри баҳодиҳӣ***: ба иштирокчиёни мизи мудаввар пешниҳод карда тавонистани моҳияти илмию амалӣ ва таълимию тарбиявии мавзуи муҳокимашаванда. Маҳорати эҷодӣ, ташкил карда тавонистани мубоҳиса оид ба мавзуъ, ҷалб кардани онҳо ба баҳсу хулосабарорӣ ва мавзуи муҳокимашавандаро дар маркази диккат нигоҳ доштан. Маҳорати гӯш кардан, шунидан ва дарк кардани мавқеи иштирокчиён, эҳтироми якдигар ва таҳаммулпазирӣ.

**4.Машғулияти таълимӣ**. Машғулият дар гурӯҳҳои синнусолӣ мувофиқи талаботи барнома ва ҷадвали машғулиятҳо аз рӯйи қуръапартоӣ сурат мегирад.

***Мақсад***: Ба талаботи барномаи таълимию тарбиявӣ ва мувофиқи синну сол интихоб намудани мавзуъ, маҳорати дода тавонистани донишҳои нав ба кӯдакон ва самаранок бо истифода аз усулҳои нав гузаронидани машғулият. Барои инкишофи нутқ, иҷтимоӣ-

коммуникативӣ, ҷисмонӣ, бадеӣ ва эстетикии хонандагон шароит фароҳам овардан.

**Меъёри баҳодиҳӣ**: ноил гардидан ба мақсади гузошташуда, маҳорати додани донишҳои нав ба кӯдакон, ташкил карда тавонистани иштироки кӯдакон дар машғулият, маҳорати ҳавасманд гардонида тавонистан ва ноил шудан ба самаранокии баланди фаъолияти кӯдакон дар машғулият, ҳаматарафа таҳлил ва дастрас карда тавонистани маводди таълимӣ, маҳорати истифодаи босамари усулҳои нави фаъолгардонии кӯдакон, мухити мусоиди психологӣ ба вуҷуд овардан.

**5.Тасвир намудан ва сохтани манзара бо дархости ҳайати доварон.**

***Мақсад***: Кашидани расм ва тасвири манзара, истифода аз маводди гуногун, қобилияти эҷодкорӣ дар фаъолияти тасвирӣ.

**Меъёри баҳодиҳӣ**:Истифодаи намудҳои гуногуни санъати тасвирӣ мувофиқи талаботи барнома, мазмуннокӣ ва мураккабӣ, инкишофи зебоипарастӣ ва мушоҳидакорӣ. Маҳорати тасвир намудан ва сохтани манзара бо истифода аз маводди табиӣ ва нимпартов.

**6. Таҳлили ҳолатҳои равонӣ–педагогӣ (дар доираи 10 дақиқа).**

***Мақсад:*** Дар асоси ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои синнусолӣ ва талаботи кӯдак дар мувофиқа бо вазифаҳои таҳсилоти томактабӣ ба ҳолатҳои равонӣ-педагогӣ ҷавобҳои асоснокшуда додан, роҳҳои бартараф кардани мушкилоти мавҷударо пешниҳод намудан.

***Меъёри баҳодиҳӣ***: Пешниҳод карда тавонистани роҳу усулҳои ҳалли вазъияти баамаломада, доштани донишҳои равонию педагогӣ оид ба хусусиятҳои синнусолии кӯдак, маҳорати бартараф намудани вазъияти баамаломада бо падару модар, калонсолон ва ҳамсолони кӯдак.

## 6. Вазифаҳои Кумитаи тадорукот

1. Барои самарабахш гузаронидани Озмун бо қарори сардори Раёсати маорифи шаҳр ва вилоят, мудири шуъбаи маорифи ноҳия, Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм, Кумитаи тадорукот таъсис дода мешавад. Дар ноҳия, шаҳр ва вилоят раиси кумитаи тадорукот сардори раёсати маориф ва мудири шуъбаи маориф таъйин карда мешавад. Кумитаи тадорукот аз раис, котиб ва аъзоён иборат аст. Кумитаи тадорукот мақоми олии Озмун маҳсуб ёфта, ташкилу гузаронидан ва ҷамъбасти фаъолияти озмунро ба зимма дорад.

2. Кумитаи тадорукоти Озмун бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуда, ба ҳайати он кормандони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндаи Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, кормандони муассисаҳои тобеи Вазорати маориф ва илм, нашриёҳои соҳавӣ ва сарпарастон дохил шуда метавонанд.

3.Ҳисоботи раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шуъбаҳои

маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро бо пешниҳод барои иштирок дар даври хотимавии озмун ҷамъ оварда, дар якҷоягӣ бо рӯйхати ҳайати Кумитаи тадорукот, ҷой ва санаи баргузории Озмун, сенарияҳои баргузории чорабиниҳои озмунӣ ва маросими ҷоизасупорӣ, маблағи хароҷотро барои тасдиқ ба вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

4.Ҷамъомади Кумитаи тадорукотро гузаронида, масъалаҳои ҳалталабро муҳокима ва дар асоси пешниҳод ҳайати доваронро барои тасдиқ пешниҳод менамояд.

## 7. Ҳайати доварон

1.Барои таъмини баҳодиҳии босифат ба фаъолияти иштирокчиёни озмун ва муайян кардани ғолиби Озмун ҳайати доварон интихоб мешаванд.

2.Доварон дар фаъолияти худ Низомномаи мазкурро ба роҳбарӣ мегиранд.

3. Дар Озмуни ҷумҳуриявӣ ҳайати доварон аз раис, котиби масъул ва аъзоён иборат буда, аз ҷониби Кумитаи тадорукот ташкил ва бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

4. Ҳайати доварон корҳои зеринро ба сомон мерасонанд:

- тартиб, мундариҷа ва шартҳои озмунро муқаррар менамоянд;

-маводди ба озмун пешниҳоднамудаи довталабонро таҳлил ва баҳогузорӣ мекунанд;

- тартиби ишғоли ҷойҳо ва ғолиби озмунро муайян менамоянд;

- дар ҳолати зарурӣ дар ҳал намудани масъалаҳои баҳсталаб иштирок мекунанд;

- аз рӯйи ҷамъбаст ва натиҷаҳои озмун ба Кумитаи тадорукот таклифу дархост пешниҳодменамоянд.

5.Ҳайати доварон аз ҳисоби беҳтарин мураббияҳои муассисаҳои таълимии томактабӣ, мушовирон, кормандони раёсатҳо, шуъбаҳои маориф, Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ, ғолибони озмунҳои минтақавию ҷумҳуриявӣ интихоб карда мешаванд. Ба ҳайати доварон олимон, номзадҳои илм ва беҳтарин кормандони Марказҳои такмили ихтисоси шаҳрӣ, ҷумҳуриявӣ, кабинетҳои методии раёсат ва шуъбаҳои маориф низ шомил шуда метавонанд.

6.Доварон ба ҳар як шарти озмун алоҳида баҳогузорӣ карда, холҳои ба дастовардаи довталабонро пеш аз саршавии шарти навбатӣ эълон мекунанд. Баҳои ҳар як аъзои довар аз ҷониби ӯ дар варақаи баҳодиҳии инфиродӣ сабт карда мешавад. Бозёфт ва навовариҳои довталабон аз ҷониби ҳайати доварон ба инобат гирифта мешавад.

7. Мавриди арзёбии шартҳои Озмун баҳогузорӣ чунин сурат мегирад: ба муаррифии фаъолияти педагогӣ, машғулияти таълимӣ, мизи мудаввар даҳ хол ва ба се шарти дигар панҷ холӣ.

8. Дар сурати қаноатбахш набудан аз баҳогузории ҳакамон довталаб метавонад то ҷамъбасти озмун ба Комиссияи апеллятсионӣ, ки бо фармоиши вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, муроҷиат намояд. Комиссияи апеллятсионӣ дар ҳайати се нафар аз ҳисоби аъзоёни Кумитаи тадорукот таъсис ёфта, дар даври хотимавии озмун фаъолият мекунад.

9. Ҳайати доварони даври озмуни минтақавиро барои шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо пешниҳоди Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва даври чорумро бо пешниҳоди Кумитаи тадорукот вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.

## 8.Ҷамъбаст ва мукофотонидани довталабон

1. Довталабе, ки нишондоди аз ҳама баландро соҳиб мегардад, ғолиби озмуни «Мураббии соли Тоҷикистон» дониста мешавад. Ғолиби даври чоруми озмун бо нишони «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» (агар унвони мазкурро дошта бошад бо «Ифтихорнома»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон) сарфароз гардонида шуда, мукофотпулӣ дар ҳаҷми 5 000 сомонӣ дода мешавад.

2. Дар сурати холҳои баробар гирифтани ду довталаб бартарӣ ба довталабе дода мешавад, ки аз машғулияти таълимӣ холи баланд гирифта бошад. Инчунин, маводди таълимӣ - методӣ, аёнияту мақолаҳои нашршудаи арзишмандро дошта бошад.

3. Иштирокчиёни озмун бо мукофотҳои соҳавӣ (нишони «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон», диплом, «Ифтихорнома»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон), тuҳфаҳои хотиравӣ қадр карда мешаванд. Ҳамзамон, Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ғолиб ва довталабони озмунро бо туҳфаҳои хотиравӣ ва роҳхатҳои истироҳатӣ-табобатӣ қадрдонӣ мекунад. Мукофот ҳангоми ҷамъбасти даври хотимавии озмун супорида мешавад.

4. Ба ғолиби даври чоруми Озмун шаҳодатнома (сертификат)-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ғолиби даври хотимавии Озмун дода мешавад. Ба довталабони дигар низ ҳамчун иштирокчии озмун шаҳодатнома дода мешавад.

5. Ғолиби Озмун вазифадор аст:

- барои навовариҳои фаъолияти педагогӣ ва таҷрибаи хешро пешкаши мураббиёни ҷумҳурӣ гардонидан омода бошад;
- ҳамеша эҷодкор ва пешбари андешаҳои арзишманди соҳаи маориф, махсусан дар самти таҳсилоти томактабӣ бошад;
- ҳамкасбонро барои такмили тахассус, мустақилу эҷодкор ва дӯстдори касби худ будан ҳидоят намояд;
- дар пешбурди навовариҳои соҳаи маорифи кишвар саҳмгузор буда, дар иттиҳодияҳои методӣ, семинару конфронсҳо бо маърӯзаҳо баромад намояд.

6.Ҳайати доварон аз ҷониби Кумутаи иттифоқи касабаи кормандони соҳаи маориф ва илм қадрдонӣ карда шавад.

Номинатсияҳои махсуси Озмуни «Мураббии соли Тоҷикистон»:

1.Барои навоварӣ ва инноватсия дар фаъолияти касбӣ: Маҷаллаи таълимию методии «Маорифи Тоҷикистон» қадрдонӣ мегардад.

2.Барои фаъолияти методӣ ва таҷрибаи пешқадами педагогӣ аз ҷониби маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» қадрдонӣ мегардад.

**9. Маблағгузории озмун**

1. Хароҷоти маблағ барои гузаронидани озмунҳои ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва вилоятӣ ба зиммаи раёсат ва шуъбаҳои маориф гузошта мешавад. Дар ин кор Кумитаи иттифоқҳои касаба ва сарпарастон метавонанд саҳм бигиранд.

2. Хароҷоти рафти омодагӣ ва гузаронидани даври чоруми Озмуни «Мураббии соли Тоҷикистон»-ро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи худ гирифта, ташкилоту муассисаҳои давлативу ғайридавлатӣ, ширкатҳо, созмонҳо ва шахсони алоҳида ҳам метавонанд дар кори озмун саҳмгузорӣ намоянд.

3.Роҳкирои довталабони Озмуни вилоятӣ (минтақавӣ) ва ҷумҳуриявӣ, ҳамчунин, намояндаи раёсат ва шуъбаҳои маориф, ки довталабро ҳамроҳӣ менамояд, аз ҷойи кори асосии онҳо пардохт карда мешавад.

(Бланкаи муассисаи таълимие, ки иштирокчии озмунро пешниҳод намудааст)

ПЕШНИҲОД

Ба Комиссияи тадорукоти Озмуни «Мураббии соли Тоҷикистон»

______________________________________________________

(номи пурраи ташкилот)

__________________________________________________ -ро

(ном ва ному насаби иштирокчӣ)

барои иштирок намудан ба даври ҷумҳуриявии озмуни «Мураббии соли Тоҷикистон» пешниҳод менамояд.

(маълумоти мухтассар дар бораи иштирокчии озмун)

Роҳбари муассисаи таълимӣ______________________________
Имзо ______

(ному насаб)

Ҷадвали
иттилоотии иштирокчии озмуни «Мураббии соли Тоҷикистон»

| | |
|---|---|
| Вилоят | |
| Шаҳр, ноҳия | |
| Насаб | |
| Ном | |
| Номи падар | |
| Рӯз, моҳ ва соли таваллуд | |
| Ҷойи таваллуд | |
| Номи пурраи муассисаи таълимие, ки иштирокчӣ кор мекунад | |
| Вазифа | |
| Категория | |
| Собиқаи педагогӣ то лаҳзаи пур намудани пурсишнома | |
| Собиқаи корӣ дар муассисаи таълимии томактабии мазкур | |
| Дар кадом гурӯҳи синнусолӣ фаъолият дорад | |
| Таҳсилот (номи донишгоҳ, донишкада, соли хатм, факултет пурра нишон дода шавад) | |
| Унвони илмӣ (агар бошад) | |
| Таҳсилоти дуюм (пурра нишон дода шавад) | |
| Курсҳои такмили ихтисос (давоми 3 соли охир) | |
| Дар кадом курсҳои омӯзишӣ иштирок кардааст (давоми 5 соли охир) | |
| Мукофотҳои соҳавӣ (солҳои гирифтан нишон дода шавад) | |
| Унвон | |
| Аҳволи оилавӣ | |
| Фарзандон | |
| Аз кадом навовариҳои инноватсионӣ бохабаред ва истифода карда метавонед | |
| Суроға | |
| Телефони ҷойи кор | |
| Телефони хона | |

| | |
|---|---|
| Телефони мобилӣ | |
| Почтаи электронӣ | |
| Шиноснома (рақам, кай ва аз тарафи кӣ дода шудааст) | |

Дархост
барои дастрас намудани таҷҳизоти зарурии
гузаронидани машғулияти конкурсӣ

| Таҷҳизоти зарурӣ |
|---|
| |
| |

Рӯзи пешниҳоди дархост ______________________
Имзои иштирокчӣ ____________________________